**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзӯи «Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст.**

Аз рӯзи аввали соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи оила ва зану модарон мавзӯи мубрами давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон гардида буд. Ҳамарӯза кӯшишҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд будани нақши занон дар тарбияи фарзандро мебинем. Бинобар ин омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон талаботи замон ба ҳисоб меравад ва интихоби мавзӯъ хело дар сатҳи баланд ва бархурд ба бо замони ҳозираро фаро мегирад. Маврид ба зикр аст, ки дар таърихи навини тоҷикон аввалин нафаре мебошад, ки ин масъаларо ба таври мушикофона таҳлили амиқ намудааст, яъне ба ягон сотсиолог муяссар нагардидааст, ки онро ба шакли диссертатсияи илми пешниҳоди омма гардонад.

Ба ҳамин минвол қайд намудан лозим аст, ки муаллиф ҳангоми таҳлили мавзӯъ муназзамияти ба худ хоси илми сотсиолгияро сареҳан истифода бурдааст. Диссертант аз усулҳои гуногуни илмӣ (таҳлил, таркиб, индуксия,

дедуксия, аналогия абстраксиякунонӣ ва ғ.) истифода бурда, таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони гуногуни хориҷӣ ва ватаниро вобаста ба мавзӯи тақризшаванда аз мавқеи хуби илмӣ баҳо додааст.

Аз таҳлили матни автореферат бармеояд, ки апарати илмии диссертатсия бо як муназамияти хос пешниҳод гаштааст. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти усулҳои тафаккури илмӣ ва таҳқиқи мантиқӣ таҳия гашта, тамоми ҷанбаҳои мавзуро вобаста ба пешрафти илми сотсиолгияи замони муосир фаро мегиранд.

Муқаддимаи автореферат мубраммият, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, робита, мақсад ва вазифаҳо, объект, марҳила, макон ва давраи таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия ва дигар паҳлӯҳои илмие, ки зикраш дар муқаддима ҳатмӣ мебошанд, дарбар мегирад.

Муаллифи диссертатсия тавассути мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба маърази васеъи хонандагон пешниҳод намудааст, ки аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳад. Илова бар ин барои боз ҳам хуб нишон додани саҳми муаллиф дар навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳодшаванда хело нозукбинона, матраҳ гардидаанд.

Дар кори илмии пешниҳоднамудаи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна, чунин эродро баён менамоям: Дар зербоби якуми боби аввал - «Тавсифи назариявии мафҳумҳои «модарӣ» ва «оилаи нопурра» дар илмҳои ҷомеашиносӣ» мафҳум ва моҳияти оилаи нопурра, назарияҳои сотсиологӣ дар бораи оилаи нопурра, хусусиятҳои зоҳиршавии оилаи нопурра ва намудҳои он дар ҷомеаи муосир бахшидааст, мехостем муаллиф назари худро вобаста ба фарқияти фарҳангии миллати тоҷик аз дигар миллатҳоро ва таъсири фарҳанги миллӣ ба оилаҳои нопурраро асоснок намояд.

Ба сифати тавсия гуфтан мумкин аст, ки дар маводҳои эмпирикӣ гузаронидани пурсишҳо байни фарзандоне, ки дар оилаи нопурра ба балоғат

расидаанду имрӯз мавқеи устуворро дар ҷомеа соҳиб мебошанд, дар раванди ба балоғат расиданашон ба кадом мушкилиҳоли равонӣ – иҷтимоӣ гирифтор гардида буданд? Сифати рисолаи диссертатсионӣ ва автореферaтро боз ҳам баландтар менамуд.

Новобаста аз эроди пешниҳодгардида ва тавсияе, ки болотар зикр кардем, дар маҷмӯъ муҳтавои автореферати диссертатсияи муҳаққиқро кам намегардонанд ва мазмуни илмии мусбии автореферaтро тағйир намедиҳанд, зеро онҳо хусусияти ҷузъӣ доранд.

Дар маҷмӯъ, аз мазмуни автореферати диссертатсия бар меояд, ки тадқиқоти диссертатсионии Элмуродова Давлатбӣ Анваровна кори илмии мустақилона буда, хулоса ва пешниҳодҳои он мантиқан дуруст ва илман асоснок гардида, баанҷомрасида мебошанд.

Аз омӯзиши матни пурраи автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки он ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он Элмуродова Давлатбӣ Анваровна бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи
Фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Раҳимов М.Ҳ.

Имзои М.Ҳ. Раҳимовро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.
21.11.2023